Низомномаи
шуъбаи сифати таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи шуъбаи сифати таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Низомномаи шуъба) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи хизмати давлатӣ», Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи таҳия гардидааст.

2. Шуъбаи сифати таҳсилот (минбаъд - шуъба) воҳиди сохтории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - вазорат) буда, фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», “Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ”, “Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ”, “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, Низомномаи Вазорати маориф ва илм ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

3. Фаъолияти шуъбаро муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамояд.

4. Дархосту супоришҳои ҷамъиятӣ, додани ахбор, маълумот ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии тасдиққардаи Вазоратро дар самти сифати таҳсилот шуъба танҳо бо иҷозати вазири маориф ва илм, муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

2.Сохтор ва тартиби ташкили шуъба

5. Мувофиқи ҷадвали басти воҳидҳои корӣ дар сохтори шуъба 4 нафар корманд фаъолият менамояд, ки шумораи онҳоро дар асоси лимити муқарарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири маориф ва илм тасдиқ менамояд.

6. Шуъбаи сифати таҳсилот аз:

- сардори шуъба;
- сармутахассис;
- мутахассиси пешбар;
- мутахассис (аз рӯи ҷадвали воҳиди корӣ) иборат мебошад.

7. Шуъбаро сардор роҳбарӣ менамояд, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад. Сардори шуъба аз рӯи вазифаҳои ба зиммаи шуъба гузошташуда масъул мебошад ва аз номи шуъба баромад менамояд

8. Сармутахассис, мутахассиси пешбар ва мутахассис сохтори шуъбаро ташкил мекунанд, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

9. Шуъба фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо раёсат, шуъба ва бахшҳои дастгоҳи марказии Вазорат, муассисаҳои тобеи он, сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва дигар ниҳодҳои давлатие, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, ба роҳ мемонад.

### 3. Ҳуқуқҳои шуъба

10. Шуъба бо мақсади ҳалли масъалаҳо ва иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда ҳуқуқҳои зеринро дорад:

- дар доираи ваколатҳои худ тибқи тартиби муқаррааргардида конференсия, семинар ва маҷлисҳои машваратӣ гузаронида, дар чорабиниҳои таълимию илмии ташкилотҳои байнидавлатӣ, тибқи супориши роҳбарияти Вазорат ширкат меварзад;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи маводи бойгониро доир ба шуъба ба роҳ мемонад;
- тибқи тартиб аз сардорони раёсат, шуъба ва бахшҳои дастгоҳи марказӣ, сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо оид ба масъалаҳои сифати таҳсилот маълумот дархост менамояд;
- ба роҳбарият ва роҳбари сохтории худ доир ба сифати таҳсилот таклифҳо пешниҳод мекунад;
- барои беҳбудии кормандони шуъба ба вазир пешниҳодҳо манзур менамояд.
- дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

### 4. Вазифа ва функсияҳои асосии шуъба

11. Вазифаҳои асосии шуъба:

- ба вазир оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот пешниҳод манзур менамояд;
- дар гузаронидани аттестатсияи давлатии муассисаҳои таълимӣ тибқи тартиби қонунгузорӣ иштирок мекунад;
- сифати таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ арзёбӣ мекунад;
- масъалаҳои марбут ба сифати таҳсилотро дар маҷлисҳои назоратӣ, мушовараи Вазорат ва дигар чорабиниҳо омода мекунад;
- дар омода намудани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба соҳаи маориф ва илм иштирок мекунад;
- фаъолияти шуъба, бахш ва гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилотро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, инчунин сарраёсат, раёсат, шуъба ва бахшҳои маориф тибқи тартиб назорат менамояд;

- барнома ва дастурҳои методӣ оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва низоми баҳодиҳиро таҳия мекунад;

- бо воситаҳои ахбори омма ҳамкорӣ менамояд;

- дар омода намудани махзанаи саволномаҳо, тестҳо ва корҳои хаттӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот иштирок мекунад;

- мониторинги сифати таҳсилотро дар ҷумҳурӣ баргузор, таҳлил ва муқоиса намуда, барои идоракунӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот ба вазири маориф ва илм таклифҳо пешниҳод менамояд;

- бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои хизматӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ доир ба масъалаҳои таҳсил ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамкорӣ менамояд;

- хизматрасониҳои машваратӣ доир ба масъалаҳои баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилотро ба роҳ мемонад;

- бо супориши Вазорат санҷишҳои фосилавӣ гузаронида, оид ба натиҷаҳои он ба роҳбарият маълумот пешниҳод менамояд;

- дигар вазифаҳое, ки қонунгузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

12. Шуъба дар ташкил намудани корҳои зерин иштирок менамояд:

- дар аттестатсияи роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми иштирок менамояд;

- дар таҳия ва такмили технологияи санҷиш ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот иштирок менамояд;

- таҳлили вазъи таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ ва омӯзиши талабот ба мутахассисони ҷавон оид ба ихтисосҳои мавҷуда дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ.

- ташкил ва гузаронидани санҷишҳои тестӣ, корҳои хаттӣ, пурсиши шифоҳиро дар раванди санҷишу назорати сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ менамояд;

- гузаронидани корҳои назоратӣ, таҳлили натиҷаҳои онҳо, муайян кардани омилҳое, ки ба сифати таҳсилот таъсир мерасонанд ва инчунин таввасути назорат кардани сатҳ ва сифати тайёрии хатмкунандагон дар асосӣ интихоби фанҳои умумӣ ва махсус;

- татбиқи барномаҳо оид ба масъалаҳои сифати таҳсилот ва идоракунии он мансуббударо назорат мекунад;

- ҳифзи иттилоот ва дигар маълумоти махфии давлатиро дар доираи ваколатҳои худ таъмин менамояд.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

13. Низомномаи мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм, нусхаи дуюми он аз тарафи раёсати мазкур ба сардори шуъбаи сифати таҳсилот бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирӣ барои нигоҳ доштан супорида мешавад.

14. Ҳангоми тағйир ёфтан, аз навташкилдиҳии шуъба ва ё дигар гардидани сохтори Вазорат, ҳамчунин дигар ҳолатҳое, ки метавонанд ба низоми шуъба тағйироти ҷиддӣ ворид намоянд, Низомномаи шуъба аз нав таҳия ва тасдиқ мегардад.